**ХУЛОСАИ**
**комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-035**
**дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии**
**ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати профессорон:

1. Қобилова Б. Т. (раис)
2. Маликов М. Ҳ. (аъзо)
3. Ҳусайнов А. Қ. (аъзо)

Рисолаи Қурбонова Ширин Исмоиловна «Нақши ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии ҷумҳурӣ дар солҳои 1994-2019», ки барои ҳимоя пешниҳод шудааст, таҳқиқоти комил ва мустақилона анҷомёфта буда, ба талаботи таъйиншуда нисбат ба рисолаҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих мувофиқ аст. Дар рисолаи мазкур масоили заминаҳои таъсисёбӣ, фаъолият ва нақши ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият дар такя ба ахбори бойгониҳои ҷорӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд.

Рисолаи Қурбонова Ширин Исмоиловна воқеан ба масъалаи бисёр муҳимми таърихи муосири халқи тоҷик бахшида шудааст. Пас аз пошхӯрии ИҶШС дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд. Тоҷикистон Истиқлолияти Давлатӣ ба даст оварда, ба эъмори сохторҳои нави ҳокимият пардохт. Дар Тоҷикистон ҷомеаи бисёрҳизбӣ ташкил ёфт. Вале, бисёре аз созмонҳо ва иттиҳодияҳои ба вуҷудомада, характери маҳалгароӣ ва мазҳабӣ доштанд ва маҳз ҳамин боиси оғоз гардидани рақобатҳои сиёсӣ ва маҳалгароӣ шуд, ки оқибат зиёда аз яксаду панҷоҳ ҳазор нафар қурбони ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 гардиданд.

Дар шароити ниҳоят душвори ҳарбӣ-сиёсӣ ва муборизаи оштинопазири аввали солҳои 90-уми асри ХХ Раиси Шӯрои Олӣ Эмомалӣ Раҳмон масъалаи барпо намудани давлати демократӣ, дар ҷумҳурӣ ба вуҷуд овардани ҳизбҳоро, ки маҳаки асосии фаъолияташон

роҳҳои пеш бурдани соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бошад, гузошта буд. Ин буд, ки нимаи аввали соли 1993 аз ҷониби Президенти кишвар мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон идеяи ташкил кардани Ҳизби Халқии Тоҷикистон пешниҳод шуд ва 12 июни соли 1993 кумитаи тадорукоти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ташкил гардид. Ва ниҳоят 10 декабри соли 1994 Анҷумани муассисони ҳизб дар бораи ташкилёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон қарор қабул намуда, Оиннома ва Барномаи онро тасдиқ карданд.

Таҳқиқоти мазкур таърихи ташаккул ва рушди 25-солаи ҲХДТ ро фаро мегирад. Дар ин давра ҳизб бисьёр воқеаҳои таърихиро аз сар гузаронид ва бевосита дар ҳамаи дастовардҳои Тоҷикистон дар сафи пеши сиёсӣ ва идеологӣ буд. Ташаккулёбии ҳизб дар давраи мушкилот ва мубориза ҳои сиёсӣ, паст рафтани иқтисодиёт, фарҳанг ва сатҳи иҷтимоии ҷомеа, яъне солҳои мудҳиши ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997) - ва истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ (1994– 27 июни соли 1997) рост омада аъзоёни он дар фаъолияти Комиссияи Оштии Миллӣ (1997 – 2000) фаъол буданд.

Фаъолияти минбаъдаи ҲХДТ дар давраи «барқарорсозии баъд аз низоъ» ва рушду нумӯъи Тоҷикистони соҳибистиқлол солҳои 2001 – 2016 боз ҳам пурсамар мегардад. Ин давраест, ки ҲХДТ дар фазои сулҳу осоиштаи кишвар тамоми неруҳои зеҳнӣ ва захираҳои инсонии худро барои татбиқ ва амалӣ намудани сиёсати давлатӣ ва барномаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла барномаи рушд, ки асосан ба се самт: таъмини амнияти озуқаворӣ, раҳоӣ аз бунбасти комуникатсионӣ ва таъмини истиқлолияти энергетикӣ нигаронида шудааст, сафарбар намуда буд. Барои ҲХДТ ин давраи дарёфти дастовардҳои назаррас дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти ҷомеа, давраи рушди демократия ва бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ, давраи амалисозии лоиҳаҳои калон дар соҳаи иҷтимоиёту иқтисодиёт, фарҳангу маориф, тандурустиву ободонии кишвар ба ҳисоб меравад.

Навоварии илмии таҳқиқот дар он аст, ки бори нахуст фаъолияти ҲХДТ дар шакли рисолаи илмӣ тадқиқ гардида, зимни он ба адабиёти илмии дар ин самт таълифгардида баҳои илмӣ дода шудааст. Зиёда аз ин, дар таҳқиқот хусусиятҳои хоси фаъолияти Раиси ҲХДТ, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ва хориқаи ӯ аз нуқтаи назари илмӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, дар натиҷаи омӯхтани фаъолият ва паҳлуҳои ҳамаҷонибаи ҲХДТ роҳҳои минбаъдаи такмилёбӣ ва ташаккули он дар оянда муайян гардидаанд.

Диссертатсия дорои аҳаммияти илмӣ–назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар корҳои илмӣ-тадқиқотии муҳаққиқон ва муаррихон ҷиҳати муайян намудани роҳҳои инкишофи минбаъдаи ҳизбҳои сиёсӣ, пеш аз ҳама ҲХДТ кӯмаки воқеӣ расонанд. Маводи дар диссертатсия овардашуда барои маърифати воқеии масъалаҳои мубрами ҳаёти сиёсии мамлакат, махсусан фаъолияти минбаъдаи ҲХДТ имконият медиҳанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия барои ҳалли бисёр масъалаҳои ҳалталаби Тоҷикистони муосир хеле муфиданд.

Ғояҳо, муқаррарот, натиҷаҳои назариявии асосӣ, пешниҳодот ва тавсияҳои амалӣ доир ба диссертатсия дар як қатор интишороти муаллиф, аз ҷумла: 16 мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, китобу брошюраҳо ва мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-оммавии дар дигар нашрияҳо ба табъ расида, таҷассум ёфтаанд.

Рисолаи доктории Қурбонова Ширин Исмоиловна «Нақши ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии ҷумҳурӣ дар солҳои 1994-2019» аз рӯйи натиҷаҳои бадастомада, истифодаи амалӣ ва сифати вироиш ба талаботи муқаррарнамудаи Дастури КОА назди Президенти ҶТ нисбат ба рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ мувофиқ буда, муаллифи рисола ба

гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих мутобиқ ба ихтисоси 07.00.02 – **Таърихи ватанӣ** арзанда аст.

Комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки рисолаи доктории унвонҷӯ Қурбонова Ширин Исмоиловна «Нақши ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии ҷумҳурӣ дар солҳои 1994-2019» ба ихтисоси 07.00.02 – **Таърихи ватанӣ** мувофиқ аст.

**Вобаста ба масъалаҳои зикршуда комиссия ба чунин қарор омад:**

1.Рисолаи доктории унвонҷӯ Қурбонова Ширин Исмоиловна «Нақши ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии ҷумҳурӣ дар солҳои 1994-2019» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ барои ҳимоя тавсия дода шавад.

2.Ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод шаванд:

**А) Ҳомидзода Фурқат Муқим** – доктори илмҳои таърих, профессор, мудири кафедраи таърихи ватании Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

**Б) Собирова Қурбонбегим Давлатқадамовна** – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**В) Давлатов Муллошо** – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи фанҳои гуманитарӣ-иҷтимоии Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон.

**3.Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон** ба ҳайси муассисаи пешбар таъйин карда шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
**доктори илмҳои таърих, профессор** **Қобилова Б. Т.**
**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
**доктори илмҳои таърих** **Маликов М. Ҳ.**
**доктори илмҳои таърих** **Ҳусайнов А. Қ.**
**Имзоҳоро тасдиқ мекунам**
**Сардори ШК** **Файзуллоева Г.**

ШУЪБАИ КАДРҲО